**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ

# ТАЪЛИМӢ БАРОИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУДИРОНИ ХОҶАГИДОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Душанбе-2025

Бо қарори шурои олимони Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” аз 29.04.2025, №5/7-2 тасдиқ гардидааст.

**Мураттибон:** М. Файзулобекова - мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ- риёзии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе;
М. Қаҳҳоров – омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ - риёзии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризон:** Т. Турдиев – корманди Раёсати томактабӣ, миёнаи умумӣ ва иловагии Маркази ҷумҳуриявию таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳуриии Тоҷикистон;

Б. Ғаюров- омӯзгори калони кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатикаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Муҳаррир:** Furthermore Бобоҷонова Ҳафиза - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ - гуманитарии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.

# ПЕШГУФТОР

Дар ҷаҳони муосир, рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таъмини сифати таълим дар онҳо, ба мудирони хоҷагидорӣ масъулияти зиёдеро вогузор мекунад. Мудирони хоҷагидорӣ на танҳо вазифаи идоракунии молиявӣ ва логистикии муассисаҳоро бар дӯш доранд, балки бояд бо усулҳои муосири таълим, равишҳои педагогӣ ва талаботҳои иҷтимоии ҷомеа низ шинос бошанд.

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси мудирони хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаҷми 28 соат (аз инҳо 10 соат назариявӣ, 18 соат амалӣ) тартиб дода шудааст.

Барномаи курси такмили ихтисос барои мудирони хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо мақсади баланд бардоштани малакаҳои идоракунӣ, таҳлили вазъият ва қабули қарорҳои самаранок, таҳия шудааст. Ин курс ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки бо усулҳои муосири идоракунӣ, стратегияи рушди муассиса ва роҳҳои беҳтари таъмини сифати таълим шинос шаванд.

Мақсади курси такмили ихтисос ин баланд бардоштани маҳорати касбии мудирони хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Курс ба мудирони хоҷагидорӣ кӯмак мекунад, то онҳо тавонанд бо муваффақият муассисаҳои худро идора кунанд, стандартҳои баландтаринро таъмин намоянд ва муҳити мусоиди таълимро барои кӯдакон фароҳам оранд.

Умедворем, ки ин курс барои мудирони хоҷагидорӣ на танҳо дониш, балки таҷрибаи амалии заруриро низ фароҳам меорад, то онҳо тавонанд фаъолияти муассисаҳои худро бо сифати баланд ва самаранок идора кунанд.

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути азхуд кардани онҳо мудирони хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим** - аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа аз худ кардашуда, таҳлилу баррасӣ мeёбанд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

**4. Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси мудирони хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

– сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода тавонанд ва фаъолияти таълимиву тарбиявиро дар асоси он ба роҳ монанд;

- чорабиниҳо гуногунро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;

– одоби муошират бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро риоя карда тавонанд;

–дар баланд бардоштани сатҳи маънавиёт саҳм гузошта тавонанд;

-донишҳои назарявии худро оид ба талаботҳои заминаҳои меъёрӣ ҳуқуқи ва барномавӣ методии соҳаи фаъолияти касбии худ такмил дода бошанд.

**Нақшаи**
**тақвимӣ барои мудирони хоҷагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Нақши мудири хоҷагӣ дар системаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 2. | Банақшагирӣ ва идоракунии захираҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 4 | 2 | 2 |
| 3. | Ташкил ва нигоҳдории инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Идоракунии бехатарӣ ва саломатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 5. | Идоракунии хоҷагии озуқаворӣ ва ғизодиҳӣ | 2 | 1 | 1 |
| 6. | Ташкил ва идоракунии корҳои санитарӣ ва гигиенӣ | 2 | 1 | 1 |
| 7. | Барномаҳои таълимӣ ва рушди малакаҳои касбӣ барои кормандони хоҷагӣ | 2 | 1 | 1 |
| 8. | Технологияҳои муосир дар идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи уммумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 9. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ” | 4 | 1 | 3 |
| 10 . | Идоракунии фаъолияти таъмир ва нигоҳдории иншоот | 2 | - | 2 |
| 11. | Аҳамияти ҳамкориҳои самарабахш бо волидон | 4 | 1 | 3 |
| | **Ҳамагӣ:** | **28** | **10** | **18** |

## Мавзуи 1. Нақши мудири хоҷагӣ дар системаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Таъмини шароити моддӣ-техникӣ, нигоҳдории муҳити тоза ва бехатар. Ташкил ва назорати кори кормандони техникӣ ва хизматрасонӣ барои дастгирии ҷараёни таълим. Тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Назорат ва нигоҳдории мунтазами биноҳои муассиса, ошхона, ва дигар иншоот. Таъмиру барқарорсозии саривақтии таҷҳизот ва биноҳо. Назорати тозагӣ ва гигиена дар тамоми синфхонаҳои таълимӣ ва майдончаҳои варзишӣ. Таъмини шароити санитарӣ дар ҳоҷатхонаҳо, ошхона ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ.

**Мавзуи 2. Банақшагирӣ ва идоракунии захираҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Ташкили равандҳои самаранок барои банақшагирӣ ва идоракунии захираҳои моддӣ, молиявӣ ва инсонӣ, ки ба таъмини шароити беҳтари таълим ва тарбияи хоандагон мусоидат мекунад. Таҳияи рӯйхати мавод ва таҷҳизоти зарурӣ барои фаъолияти муассиса. Таъмини дастрасии саривақтӣ ба лавозимот ва таҷҳизоти таълимӣ, мебел ва лавозимоти гигиенӣ. Таҳияи буҷети солона барои эҳтиёҷоти муассиса, ки ба хароҷоти ғизо, таъмир, хариди лавозимот ва пардохти музди кормандон дахл дорад. Назорат ба хароҷотҳо ва коҳиши исрофкорӣ дар истифодаи захираҳои молиявӣ. Муайян намудани меъёрҳо барои баҳодиҳии самаранокии истифодаи захираҳо.

**Мавзуи 3. Ташкил ва нигоҳдории инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Назорат ва нигоҳдории биноҳо ва иншоот. Ташкили санҷиши мунтазами биноҳо барои муайян намудани ҳолати онҳо. Ҳамоҳангсозии корҳои таъмирӣ ва барқарорсозии саривақтии қисмҳои зарардида.Таъмини дастрасӣ ба таҷҳизоти зарурӣ. Назорати ҳолати таҷҳизоти таълимӣ, дастгоҳҳои техникӣ ва дигар лавозимоти муфид. Ташкили нақша барои харид ва нигоҳдории лавозимоти зарурӣ. Таъмини шароити санитарӣ ва гигиенӣ. Назорати мунтазам ба тозагӣ ва гигиена дар дохил ва атрофи муассиса.

**Мавзуи 4. Идоракунии бехатарӣ ва саломатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Ташкили муҳити бехатар. Назорати мунтазам ба ҳолати инфрасохтори муассиса, аз ҷумла биноҳо, асбобҳои техникӣ ва таҷҳизот. Ташкили роҳҳои бехатарии баромад дар ҳолатҳои фавқулода, аз қабили оташсӯзӣ ё дигар ҳодисаҳои фавқулода. Гузоштани нишонаҳо ва аломатҳои роҳнамо дар дохил ва берун аз бино барои бехатарӣ ва идоракунӣ.Таъмини шароити гигиенӣ ва санитарӣ. Омӯзиш ва огоҳӣ дар бораи бехатарӣ ва саломатӣ. Идоракунии ғизо ва ғизодиҳӣ. Ташкили банақшагирии чорабиниҳои бехатарӣ.

**Мавзуи 5. Идоракунии хоҷагии озуқаворӣ ва ғизодиҳӣ**

Ташкили раванди ғизодиҳӣ. Ташкили менюи солим ва мутавозин бо дарназардошти талаботи ғизоии кӯдакон вобаста ба синну сол. Назорати

риояи меъёрҳои ғизо ва истеъмоли дурусти маҳсулоти ғизоӣ. Ташкили низоми тақсими хӯрок барои кӯдакон ва мураббиёне, ки мутобиқи стандартҳои санитарӣ иҷро мешаванд.Таъмини хариди маҳсулоти тару тоза ва баландсифат аз таъминкунандагони боэътимод. Назорати ҳолати нигоҳдорӣ ва таъмини дурусти маҳсулоти ғизоӣ дар анборҳои муассиса.

**Мавзуи 6. Ташкил ва идоракунии корҳои санитарӣ ва гигиенӣ**

Талаботи гигиенӣ нисбат ба қитъаи замин, таҷхизот ва нигоҳдории қитъаи муайяншуда. Талаботи гигиенӣ ба бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ, тарҳбандии биноҳо ва таҷҳизот. Талаботи гигиенӣ ба муҳити ҳаво, шароити гармии биноҳо, обтаъминкунӣ. Нигоҳдории санитарии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Назорати риояи қоидаҳои гигиенӣ. Назорати доимӣ ба ҳолати гигиенаи таҷҳизот, мебели кӯдакон, бистарии кӯдакон ва асбобҳои таълимӣ. Риояи талаботи санитарӣ дар ошхона.

**Мавзуи 7. Барномаҳои таълимӣ ва рушди малакаҳои касбӣ барои кормандони хоҷагӣ**

Тақвият додани донишу малакаҳои касбии кормандони хоҷагӣ барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ва нигоҳдории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар сатҳи баланд. Асосҳои идоракунии самараноки корҳои хоҷагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Идоракунии сарфакоронаи захираҳои хоҷагӣ ва таъминот. Ташкили ғизодиҳӣ ва идоракунии озуқаворӣ. Рушди малакаҳои касбӣ ва шахсӣ. Гузаронидани курсҳои асосии таълимӣ барои кормандони навтаъсис ва курсҳои такмили ихтисос барои кормандони амалкунанда.

**Мавзуи 8. Технологияҳои муосир дар идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Автоматизатсияи равандҳои идоракунии хоҷагӣ. Истифодаи системаҳои рақамӣ барои идоракунии корҳои рӯзмарра, аз ҷумла тақсимоти вазифаҳо, назорати корҳо ва ташкил кардани нақшаҳои тозакунӣ. Назорати энергетикӣ ва захираҳо. Таъмини амнияти кӯдакон ва кормандон. Истифодаи системаҳои видеоназорат ва системаҳои огоҳкунии ҳолатҳои фавқулода (сӯхтор, офатҳои табиӣ). Насби сенсорҳо барои даромад ва баромади кӯдакон ва кормандон.Технологияҳои рақамӣ дар идоракунии ғизодиҳӣ.

**Мавзуи 9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ"**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба харид. Принсипи

махфият. Талаботи тахассусӣ нисбати ташкилотҳои харидор. Дархости нархномаҳо.

### Мавзуи 10. Идоракунии фаъолияти таъмир ва нигоҳдории иншоот

Ташкили системаи нигоҳдорӣ. Нақшаи таъмир. Тартиби нақшаи таъмир. Таърихҳои ба нақша гирифташуда, сохти муайян ва ё фаҳмидани хислатҳо. Услҳои таъмир. Созмон додани вақти мувофиқ барои фаъолияти таъмир ва паст кардани хатар дар вақти корҳои таъмирӣ. Калидҳои нигоҳдории иншоот. Идоракунии захираҳо, сохт ва нигоҳдорӣ кардани асбобҳо. Маводи сохтмонӣ ва дигар захираҳо. Маҳалли таъмир ва нигоҳдории иншоот. Мавод ва технологияҳои муосир.

### Мавзуи 11. Аҳамияти ҳамкориҳои самарабахш бо волидон

Таъмини хидматҳои ҳамаҷониба. Огоҳ намудани волидон дар бораи хидматҳои таълимӣ ва тарбиявии муассиса, хизматрасонҳои иҷтимоӣ, психологӣ ва беҳдоштӣ. Фароҳам овардани иттилооти доимӣ. Таъмини шиносоӣ бештар бо вазъи тарбия. Ташкили барномаҳо ва корҳои омӯзишӣ барои волидон, ки ба рушди малакаҳои тарбиявии онҳо равона карда шудаанд. Кӯмак расонидан ба волидон барои дастгирии кӯдакон дар хона. Пешбурди ҳамкориҳои фаъол. Дастгирии волидон дар самти рушди кӯдакон. Таъмини муҳити боварӣ. Ворид кардани волидон дар раванди қароргириҳои муассиса. Дастрасии онҳо ба фаъолиятҳои муҳимми муассиса.

### Адабиёти истифодашуда

**1.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” Душанбе 2024

**2.**Ливенцева В.А. Конструктор годового плана работы детского сада.Методические проекты, методическое пронстранство.

**3.**Охрана труда и техника безопасности в ДОО.ФГОСДО.”Учител” издательство.

**4.** Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон.